**Ҷадвали**
**мониторинги иҷрои қарорҳои протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратии назди**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 13 декабри соли 2013**

| Мазмуни супоришҳои протоколӣ | Мӯҳлати иҷро | Ҷараёни иҷро | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| 1. Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ:<br>а) якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва бо ҷалби шарикони рушд барои муайян намудани 4 мавзеъи сайёҳӣ ва ба талаботи муосир мутобиқ намудани онҳо, таҳия ва тарғибу ташвиқи бастаҳои маҳсулоти рақобатпазири сайёҳии мамлакат, марҳила ба марҳила гузаштан аз низоми иҷозатномадиҳии ширкатҳои сайёҳӣ ба низоми муосири баҳогузории сатҳи хизматрасонии онҳо тадбирҳои фаврии амалӣ андешад;<br>б) аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гурӯҳи корӣ таъсис дода, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи туризм» дар таҳрири нав таҳия намояд ва дар мӯҳлатҳои муқарраргардида барои баррасӣ пешниҳод кунад. | Соли 2014 | ***Қисман иҷро шудааст ва мавриди татбиқ қарор дорад.***<br>Ҷиҳати иҷрои банди мазкур аз ҷониби Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ корҳои муайян анҷом дода шудаанд. Аз ҷумла 15 марти соли 2014 вохӯрии роҳбарияти Кумита бо роҳбарони ширкатҳои туристии кишвар ва масъулини соҳа баргузор гардид.<br>Дар ҷаласа асосан чор масъалаи муҳими рушди соҳа баррасӣ шуданд: Натиҷаҳои 48-умин Намоишгоҳи байналмилалии “ITB Берлин -2014”, ки аз 5 то 9 марти соли 2014 дар шаҳри Берлини Олмон ҷараён дошт, гӯшаи миллии тарғиботии Тоҷикистонро дар баробари 200 давлати иштирокчӣ аз тамоми дунё масъулини Кумита ва роҳбарону коршиносони 12 ширкати туристӣ аз манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ муаррифӣ намуданд. Аз гӯшаи Тоҷикистон инчунин Котиби генералии Созмони ҷаҳонии туристии СММ боздид намуд. Зимни ҷаласа масоили беҳтар намудани имкониятҳо дар муаррифии туризми дохилӣ ва пешниҳоди маҳсулоти беҳтарин барои соли 2015 дар ин намоишгоҳи бонуфузи ҷаҳонӣ мубодилаи афкор карда шуд.<br>Баҳри беҳдошти фазои экологӣ ва ба роҳ мондани корҳои ободонӣ дар кишвар бахшида ба Иди Наврӯз 10 марти соли ҷорӣ ҳашари умумиҷумҳуриявии ниҳолшинонии ҷавонон таҳти шиори “Рушди туризми экологӣ” баргузор гардид.<br>Айни замон, гуруҳи кории Кумита дар тамоми қаламрави кишвар самтҳои афзалиятноки рушди соҳаро таҳия намуда, баҳри ба талаботи муосир ҷавобгӯ намудани 4 мавзеи туристиро мавриди омӯзиш қарор додааст.<br>Вобаста ба муаррифии туризми дохиливу берунии мамлакат нақшаи чорабиниҳои махсуси Кумита таҳия гардида, бахшида ба Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон озмунҳои ҷумҳуриявии “Мақолаи беҳтарин” ва “Барномаи беҳтарини телевизионӣ” дар мавзуи “Тоҷикистон-кишвари туристӣ” эълон гардида, барномаҳои телевизионӣ, видеороликҳо, варақаҳои иттилоотӣ, | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | харитаҳо, буклетҳо ва маводҳои дигари ташвиқотӣ дар таҳрири нав омода гардида истодаанд. | |
| 2. Вазорати нақлиёт, Хадамоти гумрук, Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ дар ҳамкорӣ бо намояндагиҳои ширкатҳои ҳавопаймоии хориҷӣ ҷиҳати иҷрои корҳои зерин чораҳои таъхирнопазирро амалӣ намоянд:<br>а) ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани сатҳи хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳо, дохили ҳавопаймоҳо ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ;<br>б) азнавтаҷҳизонии компютерҳо, барномаҳои компютерӣ ва дигар таҷҳизоти азназаргузаронии мусофирон дар фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, аз ҷумла харид ва насб намудани таҷҳизот ва барномаи махсуси муттаҳида, ки ҳангоми вуруд ва судури сайёҳон онҳоро ба қайд гирифта, ба таври автоматӣ ба ҳамаи сохторҳои қудратӣ, амниятӣ ва оморӣ паҳн мекунад;<br>в) таъсиси комиссияи мустақил барои баҳогузории сатҳи тахассуснокии кормандони сохторҳои хизматрасонии фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва гузаргоҳҳои сарҳадӣ ва ба тариқи озмун ба кор қабул намудани кормандони нав;<br>г) таҷдиди назар намудани арзиши чиптаҳои ҳавопаймоӣ;<br>д) зиёд намудани хатсайрҳои | Мунтазам | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>**Вазорати нақлиёт:**<br>Тибқи иттилои Вазорати нақлиёти ҶТ ҷиҳати ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани сатҳи хизматрасонӣ дар фурудгоҳҳои байналмилалии Тоҷикистон, аз ҷумла ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе” аз ҷониби роҳбарият Нақшаи чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани дараҷаи хизматрасонӣ ба мусофирон, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ ба мусофирон, таҳия ва қабули Одобномаи кормандони фурудгоҳ, азнавсозӣ ва модернизатсияи техникаҳои хизматрасонии фурудгоҳ, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ омода намудани иттилоот барои бақайдгирии мусофирон, бору бағоҷ, амният, ҳуқуқ ва стандартҳои фурудгоҳ, овехтани аломатҳои ишоратӣ қабул гардида, корҳо идома доранд. Барои ҷойгир намудани нуқтаҳои иттилоотӣ, ҷойгир кардани маҳсулоти ширкатҳои туристӣ, минтақаҳои туристии Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ шароит муҳайё карда шудааст.<br>Дар дохили ҳавопаймоҳо бошад, маълумотҳо бо се забон эълон гардида, оид ба муошират хуб бо мусофирон корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода мешаванд. Аз ҷумла дар ҶСК “Тоҷик Эйр” 15 нафар роҳбаладон ба парвозҳои байналмилалӣ иҷозат гирифта, 31 нафар хидматгузор омодагиҳоро барои иҷрои парвозҳо дар ҳавопаймои тамғаи Боинг 757-200 гузаштанд. Барои таъмини ҳолати хуби санитарӣ ва гигиении дохили ҳавопаймоҳо пеш аз парвоз ва баъд аз он корҳои зарурӣ гузаронида мешаванд.<br>Доир ба арзиши чиптаҳои ҳавопаймоӣ бояд қайд намуд, ки тарифҳо дар асоси маблағи хизматрасониҳои фурудгоҳӣ, аэронавигатсионӣ, сӯзишворӣ, пардохти лизинги ҳавопаймоҳо ва хӯроки дохили ҳавопаймо муайян карда мешаванд. Дар ин замина, нархи сӯзишворӣ зиёда аз 45%-и арзиши миёнаи чиптаро ташкил мекунад.<br>Ҷиҳати васеъ намудани ҷуғрофияи парвозҳои байналмилалӣ, инчунин азнавтаҷҳизонии компютерӣ, насб намудани таҷҳизоти муосири азназаргузаронӣ дар фурудгоҳҳо ва барномаҳои махсуси муттаҳида, ки ҳангоми омаду рафти мусофирон онҳоро ба таври автоматӣ ба қайд мегирад, | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| байналмилалӣ ва баланд бардоштани мавқеи Тоҷикистон ҳамчун кишвари транзитӣ. | | корҳои муайян анҷом дода шуда истодаанд.<br>Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба мусофирон дар фурудгоҳҳои байналмилалӣ Вазорати нақлиёт лоиҳаи қарори Ҳукумати ҶТ “Дар бораи тасдиқ намудани “Қоидаҳои ташкили хизматрасонӣ ба мусофирони хатсайрҳои байналмилалӣ дар фурудгоҳҳои ҶТ”-ро омода намуда, барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намудааст.<br><br>**Хадамоти гумрук:**<br>Аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ ҷиҳати иҷрои супоришҳои протоколии ҷаласаи 12-уми Шӯрои машваратӣ аз 13 декабри соли 2013, Нақшаи чорабиниҳои алоҳида таҳия ва тасдиқ карда шудааст. Нақшаи чорабиниҳои мазкур як қатор тадбирҳо, аз ҷумла азнавтаҷҳизонидани минтақаҳои назорати гумрукии фурудгоҳҳои байналмилалӣ, баҳогузории сатҳи тахассуснокии кормандони фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва тариқи озмун ба кор қабул намудани онҳо, баланд бардоштани савияи забондонии кормандони мақомоти гумрук, таҳия ва мавриди амал қарор додани санади дахлдор оид ба муносибати эҳтиромонаи кормандони мақомоти гумрукнисбат ба мусофирон ва иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, ташкили курсҳои махсуси такмили ихтисос ва дигар чорабиниҳоро дарбар мегирад.<br><br>**Хадамоти зиддинҳисорӣ:**<br>Тибқи иттилои Хадамоти зиддиинҳисорӣ хизматрасонии терминалҳои нақлиёт, фурудгоҳҳои ҳавоӣ ва аэронавигатсия, инчунин хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ ба соҳаи фаъолияти субъектҳои монополияи табиӣ мансубият доранд.<br>Бо мақсади танзими давлатӣ дар соҳаи фаъолияти мазкур бо фармоиши Хадамот аз 3 сентябри соли 2010 ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе”, ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд”, ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Кӯлоб” ва ҶСК “Фурудгоҳи байналмилалии Қӯрғонтеппа” аз рӯи хизматрасонии фурудгоҳӣ, КВД “Тоҷикаэронавигатсия” аз рӯи хизматрасонии аэронавигатсионӣ ва ҶСК “Тоҷик Эйр” аз рӯи хизматрасонии ҳамлу нақл тавассути роҳи ҳавоӣ дар самтҳои маҳаллӣ ба Феҳристи субъектҳои монополияҳои табиӣ дохил карда шудаанд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Ҷиҳати таҷдиди назар намудани нархи чиптаҳои ҳавопаймоӣ, тарифҳои хизматрасонии мусофиркашонӣ дар хатсайрҳои дохилӣ ва байналмилалӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст, ки баъд аз гузаронидани таҳлилу омӯзиши ин сегменти бозори молӣ иловатан маълумот пешниҳод карда мешавад.<br><br>**<u>Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ:</u>**<br>**<u>Оид ба зербанди “а”:</u>**<br>Азнавсозии шабакаи дохилии компютерии мақомоти назорати сарҳадии Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ дар фурудгоҳи байналмилалии шаҳри Душанбе гузаронида, дар якҷоягӣ бо ширкатҳои “Вавилон” ва “Фароз” дар самти аз фурудгоҳи мазкур то бинои дастгоҳи марказии СҚС КДАМ кашидани хати нурӣ-нахӣ ва тайёрӣ ба насби шабакаи компютерии бесим корҳо ба роҳ монда шуданд. Як қисми таҷҳизоти барои ташкили шабакаи ягонаи табодули иттилоот зарурӣ дастрас гардида, коркарди коркарди барномаи махсуси автоматикунонии ҷараёни бақайдгирии убури Сарҳади давлатӣ ба анҷом расонида шуд.<br>Айни замон барномаи мазкур мавриди санҷишҳои амалӣ қарор дорад.<br>**<u>Оид ба зербанди “б”:</u>**<br>Дар самти таъмини мақомоти назорати сарҳадии ҚС КДАМ ҶТ бо кадрҳои соҳибихтисос як қатор чорабиниҳои мушаххас амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла бо фармони Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ комиссияи босалоҳияти аттестатсионӣ таъсис дода, аз моҳи майи 2012 то моҳи августи соли 2013 аттестатсияи кормандони мақомоти назорати сарҳадӣ, ки дар қисмҳои СҚС КДАМ ҶТ дар гарнизони шаҳри Душанбе, ноҳияҳои тобеаи марказ, ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд адои хизмат менамуданд, ҷиҳати муайян намудани мутобиқат кардан ё накардани ҳар як хизматчии ҳарбӣ ва вазифаи ишғолнамудааш гузаронида шуд.<br>Ҳамчунин бо мақсади пуррагардонии вазифаҳои холӣ дар мақомоти назорати сарҳадии ҚС КДАМ ҶТ, тариқи воситаҳои ахбори омма аз ҳисоби шаҳрвандони дорои маълумоти олӣ, забондон ва бо техникаи компютерӣ ошно, хоҳишмандон барои адои хизмат дар ин мақомот даъват карда, аз ҳисоби онҳо номзадҳои болаёқат интихоб ва барои таҳсил ба курсҳои тайёрии кормандони мақомоти назорати сарҳадӣ равон карда мешаванд. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Пас аз анҷоми таҳсил ва дар назди комиссияи босалоҳият супоридани имтиҳонот, хатмкунандагони курсҳо ба вазифаҳо дар мақомоти назорати сарҳадии ҚС КДАМ ҶТ таъин карда мешаванд.<br>СҚС КДАМ ҶТ минбаъд низ дар самти баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи касбӣ ва этикаи хизматии кормандони мақомоти назорати сарҳадӣ, истифодаи дастовардҳои технологияи муосир дар ташкили ҳифзи Сарҳади давлатӣ ва мусоидат кардан дар беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон саъю кӯшиш ба харҷ хоҳад дод. | |
| 3. Вазоратҳои корҳои хориҷӣ, дохилӣ, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва Агентии омор ҷиҳати таҷдиди назар намудани низомҳои гуногуни раводид ва ба роҳ мондани низоми электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои сайёҳон барои гирифтани раводид, ташкили равзанаи алоҳида барои хизматрасонии ширкатҳои сайёҳӣ дар Раёсати консулии Вазорати корҳои хориҷӣ, ба роҳ мондани механизмҳои муосири омори сайёҳӣ ва дуруст ҳисобу китоб намудани воруду судури сайёҳон ва таъсири он ба рушди сайёҳии мамлакат тадбирҳои зарурии фаврӣ андешанд. | Соли 2014 | ***Қисман иҷро шудааст ва мавриди татбиқ қарор дорад.***<br>**Аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ** ҷиҳати иҷрои банди мазкур корҳои зерин анҷом дода шудаанд:<br>- Равзанаи алоҳида барои хизматрасонии ширкатҳои туристӣ дар Раёсати консулии Вазорат таъсис ёфта, фаъолият намуда истодааст.<br>- Бо дархости Вазорат аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъсиси гуруҳи корӣ бо мақсади муайян намудани ҷузъиёт ва талаботҳои техникии шабакаи фарогири иттилоотии электронӣ барои додугирифти раводиди ҶТ, рафтуомади шаҳрвандон ва атбои хориҷӣ ба вазорату идораҳо супориш дода шудааст.<br>**Агентии омор:**<br>Барои ҷамъоварӣ, коркард ва паҳн намудани маълумотҳои оморӣ барномаи компютерӣ таъмин карда шудааст ва барои содда, шаффоф ва осон намудани раванди ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ бо мақомоти маҳаллии омор (ВМКБ, Суғд, Хатлон ва Душанбе) шабакаи ягонаи корпоративӣ пайваст шудааст. Ин раванд марҳила ба марҳила бо дигар мақомоти маҳаллии омор идома дорад.<br>Ҷиҳати ба роҳ мондани механизмҳои муосири омори туристӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи туризми мамлакат барои мукаммал ва устувор намудани маълумотҳои оморӣ дар ин самт Агентии омор низоми омори Белорусро мавриди омӯзиш қарор дода, ҳисоботи байниидоравии шакли 4 ҚС (Қӯшунҳои сарҳадӣ) (семоҳа) “Ҳисобот дар бораи шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки ба ҶТ барои саёҳат (туризм) сафар кардаанд, шумораи шаҳрвандони ҶТ, ки барои саёҳат ба мамлакатҳои хориҷӣ сафар кардаанд” бо мувофиқаи Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ тасдиқ гардид. Мутобиқи ин низом туристоне, ки марзи давлатии моро убур | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | мекунанд, ба маҳзани маълумоти оморӣ ворид карда мешаванд ва ин метавонад ба такмили омори туристӣ мусоидат намояд.<br>**<u>Вазорати корҳои дохилӣ:</u>**<br>Дар асоси маълумоти Вазорати корҳои дохилӣ ҳангоми бақадгирӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрвандӣ ва шаҳрвандони хориҷие, ки дар ҷумҳурӣ ба ҳайси панохҷуянда ва гуреза пазируфта шудаанд, аз ҷониби хадамотҳои шиносномавию бақайдгирии Вазорат дар шаҳру ноҳияҳо варақаҳои бақайдгирӣ дода мешавад ва нисбати ҳар як шаҳрванди хориҷӣ варақаҳои баҳисобгирӣ тартиб дода шуда, дар бойгонӣ нигоҳ дошта мешавад.<br>Ғайр аз ин айни замон, амалиётҳои бақайдгирии шаҳрвандони хориҷие, ки ба минтақаҳои наздисарҳадии ҷумҳурӣ сафар менамоянд, тариқи додани рухсатнома ба таври дастӣ амалӣ карда мешаванд.<br>Бояд қайд намуд, ки тибқи супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ аз 17 январи соли 2014 ҷиҳати таъсиси гуруҳи кории байниидоравӣ оид ба муайян намудан ва ба тавсиб расонидани ҷузъиёт ва талаботҳои техникии шабакаи фарогири иттилоотии электронӣ барои додугирифти раводиди Тоҷикистон, рафтуомади шаҳрвандон, аз ҷумла шаҳрвандони хориҷӣ 31 январи соли 2014 дар Вазорати корҳои хориҷӣ дар якҷоягӣ бо дигар мақомоти марбута гуруҳи корӣ таъсис дода шуд, ки намояндагони мақомоти корҳои дохилӣ дар он иштирок намуд.<br>Айни замон масъалаи таъсиси шабакаи фарогири иттилоотии электронӣ барои додугирифти раводиди ҶТ, рафтуомади шаҳрвандон ва пешниҳоди вазорату идораҳои марбута аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дошта, натиҷаи он дар ҷаласаи минбаъдаи гуруҳи корӣ баррасӣ карда хоҳад шуд. | |
| 4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:<br>а) якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳиро бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намояд; | Соли 2014 | ***Иҷро шудааст.***<br>а) Кумита якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар бахши сайёҳӣ ва лоиҳаи қарори Ҳукумати ҷумҳуриро вобаста ба масъалаи мазкур бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа намуда, бо тартиби муқаррааргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намуд.<br>б) Кумита якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| б) якҷо бо Котиботи Шӯрои машваратӣ лоиҳаи Нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳониро бо дарназардошти пешниҳоди намояндагони бахши хусусӣ ва шарикони рушд такмил дода, бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод кунад;<br>в) якҷо бо дигар вазорату идораҳо барои фаъолияти пурсамар ва ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидани Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва Фонди дастгирии соҳибкорӣ тадбирҳои зарурӣ андешад;<br>г) назорати татбиқи пурраи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро вобаста ба танзими низоми иҷозатдиҳӣ таъмин намояд. | | нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ва лоиҳаи қарори Ҳукумати ҷумҳуриро вобаста ба масъалаи мазкур такмил дода, пас аз мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор бо тартиби муқарраргардида ба баррасии Ҳукумати мамлакат пешниҳод намуд.<br>в) Ҷиҳати ба роҳ мондани фаъолияти пурсамари Шӯро ва Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин Фонди дастгирии соҳибкорӣ аз ҷониби Кумита корҳои муайян ба сомон расонида шудаанд.<br>Аз ҷумла бо мақсади таъмини талаботи моддаҳои 1 ва 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Номгӯи объектҳои инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоие, ки нисбат ба онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» татбиқ карда намешавад таҳия гардида, бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа карда шудааст.<br>Тибқи талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» лоиҳаи қарори мазкур бояд аз ҷониби Шӯро оид ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.<br>Бо мақсади таъмини самаранокии фаъолияти Шӯро ва Муассиса баргузории ҷаласаи якуми Шӯро дар моҳи апрел-майи соли ҷорӣ ба нақша гирифта шудааст.<br>Инчунин бо мақсади татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» лоиҳаҳои як қатор санадҳои зерқонунӣ таҳия гардидаанд, аз ҷумла:<br>▪ дастурамал оид ба омода ва амалӣ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>▪ дастурамал оид ба таҳияи асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ.<br><br>Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” тибқи банди 19 “Нақшаи чорабиниҳо барои амалӣ намудани Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2012 №201 тасдиқ | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | гардидааст, таъсис дода шудааст.<br><br>Мақсад аз таъсиси Фонди мазкур ба роҳ мондани дастгирии воқеъии давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонии онҳо ҷиҳати таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, созандагию бунёдкори тариқи пешниҳод намудани қарзҳои кӯтоҳмуддату дарозмӯҳлат бо фоизҳои муносиб, инчунин таъмини рақобатнокии низоми қарздиҳии бонкӣ буда, дар ин замина аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2013 33 млн. сомонӣ ва дар соли 2014 30 млн. сомонӣ ҷудо карда шудааст.<br><br>Азбаски Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб намеравад ва ҷиҳати самаранок истифода бурдани маблағҳои ба Фонд вобастакардашуда, аз ҷумла маблағҳои давлатӣ, иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 феврали соли 2013 №34 «Дар бораи Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ва ба инобат гирифтани манфиатҳои Фонд оид ба пешниҳоди қарз ба субъектҳои соҳибкорӣ ва ба амонат гузоштани маблағҳои Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ»-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» аз 20 декабри соли 2013 Шартномаи ҳамкорӣ «Оид ба пешниҳоди қарз ба субъектҳои соҳибкорӣ ва ба амонат гузоштани маблағҳои Муассисаи давлатии «Фонди дастгирии соҳибкорӣ» ба имзо расонида шуд.<br><br>Тибқи Шартнома Фонд маблағҳои буҷетии дар ихтиёрдоштаашро ба субъектҳои соҳибкорӣ тариқи Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» пешниҳод намуда, иҷроиши самтҳои фаъолияти худро ба воситаи бонк амалӣ месозад.<br>Фонд ҷиҳати иҷрои супориши Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2013 №40195 (12.2-4) оид ба андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ таъсис додани ҳайати Шӯрои нозиронро баррасӣ намуда, бо қарори Раиси Шӯрои нозирон ба тасвиб расонид.<br><br>Ҳайати Шӯрои нозирони Фонд аз 7 нафар иборат буда, онро Раиси | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон раисӣ мекунад. Дар навбати худ Шӯрои нозирон Кумитаи қарзӣ ба ҳисоб меравад. Ба аъзогии Шӯрои нозирон намояндагони вазоратҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, Хадамоти зиддиинҳисорӣ, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва бахши хусусӣ Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон шомил мебошанд.<br><br>Бояд қайд намуд, ки тибқи санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ Шӯрои нозирони Фонд салоҳияти мукаммал дошта, яке аз вазифаҳои он муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти Фонд ва шарту шароитҳои истифодаи маблағҳои он мебошад.<br><br>Лозим ба ёдоварист, ки дар соли 2013 ва дар семоҳаи якуми соли 2014 ба Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ”182 лоиҳаи тиҷоратии субъектҳои соҳибкорӣ ворид гардидааст, аз ҷумла ба шаҳри Душанбе 17 адад, вилояти Суғд 34 адад, вилояти Хатлон 86 адад, ВМКБ 17 адад, НТБ 28 адад рост меояд.<br>Шӯрои нозирони Фонд дар соли 2013 6 ҷаласаи худро гузаронида, бо мақсади дастгирӣ, ҳавасмандгардонӣ, ҷалби субъектҳои соҳибкорӣ ба корҳои созандагию бунёдкорӣ, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ бо қарорҳои Шӯрои нозирони Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” ба 14 субъектҳои соҳибкорӣ маблағҳои қарзӣ дар ҳаҷми 22 146 000 (бисту ду миллиону яксаду чилу шаш) ҳазор сомонӣ бо фоиз ва мӯҳлатҳои муайян ҷудо карда шуд.<br><br>Дар семоҳаи якуми соли 2014 Шӯрои нозирони Фонд 1 ҷаласаи худро гузаронида дар асоси қарорҳои Шӯрои нозирони Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” ба 11 субъектҳои соҳибкорӣ дар ҳаҷми 2 230 000 (ду миллиону дусаду сӣ) ҳазор сомонӣ маблағҳои қарзӣ ҷудо карда шуд.<br><br>Аз ҳисоби маблағҳои гардишии Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” дар маҷмӯъ 24 376 000 (бисту чор миллиону сесаду ҳафтоду шаш) сомонӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ маблағҳои қарзӣ ҷудо карда шудаанд. Айни замон дар истеҳсолоти Муассисаи давлатии “Фонди дастгирии соҳибкорӣ” зиёда аз 20 лоиҳаҳои тиҷоратӣ тахти омӯзиш қарор дода шуда, парвандаҳои | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | қарзии онҳо ба Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ирсол карда шудааст.<br><br>Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" минбаъд низ фаъолияти худро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри дастгирии фаъолияти соҳибкорони ватанӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ анҷом медиҳад.<br><br>г) Бо мақсади иҷрои зербанди мазкур моҳи январи соли 2014 аз ҷониби Кумита мониторинги қонунгузории низоми иҷозатдиҳӣ гузаронида шуд. Таҳлили татбиқи Қонун бо роҳи пешниҳоди ахбороти хаттӣ аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда, омӯзиш ва санҷиши фаъолияти мақомоти иҷозатдиҳанда оид ба риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими низоми иҷозатдиҳӣ гузаронида шуд. Таҳлил аз рӯи маълумоти пешниҳоднамуда дар 52 мақомоти иҷозатдиҳанда (13 мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва 39 мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) натиҷагирӣ карда шуд.<br>Муайян карда шуд, ки аз рӯзи қабули Қонун, яъне аз 2 августи соли 2011 то 31 декабри соли 2013 аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ барои гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ 59 893 ариза ворид гардидааст, ки аз он 42 031 ариза қонеъ ва 1002 ариза бо сабаби аз ҷониби аризадиҳанда дар ҳаҷми пурра пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо, ошкор гардидани маълумоти носаҳеҳ дар ҳуҷҷатҳое, ки аризадиҳанда пешниҳод намудааст, дар натиҷаи гирифтани хулосаи манфии асоснокшуда оид ба натиҷаҳои тадқиқот рад карда шудааст.<br>Мақомоти иҷозатдиҳанда дар натиҷаи баррасии аризаҳои субъектҳои соҳибкорӣ оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ тибқи Қонун қарор қабул мекунанд.<br>Дар қисми зиёди мақомоти иҷозатдиҳанда расмиёти додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ҷорӣ карда шуда, масъулини Кумита ба Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ховалинг, Муъминобод, Шуробод, М.А.Ҳамадонӣ, Фархор, Восеъ, Файзобод, Бохтар, Вахш, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Сарбанд, | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | Исфара, Истаравшан, Қайроқум, Истиклол, Хуҷанд, Чкалов, Шаҳристон, Зафаробод, Ашт, Ғончӣ, Б. Ғафуров, Ҷ.Расулов, Спитамен, Мастчоҳ, Айнӣ, Панҷакент, Мастчоҳи кӯҳӣ, Ваҳдат, Роғун, Турсунзода, Рӯдакӣ, Ҳисор, Рашт, Тоҷикобод, Шаҳринав, Варзоб ва Ҷиргатол, ки тибқи қонунгузорӣ мақоми иҷозатдиҳанда мебошанд, бо мақсади додани тавсияҳои методӣ ва омӯзиши фаъолият сафарбар карда шуданд.<br>Аз натиҷаи санҷиш маълум гашт, ки баъзе мақомоти иҷозатдиҳанда талаботи Қонун ва Феҳристро ба таври зарурӣ иҷро намекунанд. Аз ҷумла, шахсони масъул барои пешбурди феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ муайян карда нашудаанд, тартиби коргузорӣ тибқи талаботи Қонун ва Феҳрист амалӣ намегардад, дафтари бақайдгирии аризаҳо ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии додашуда ба роҳ монда нашудааст, пардохти маблағ барои додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ тибқи талаботи моддаи 9 Қонун амалӣ намегардад. Инчунин мавриди қайд аст, ки ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ройгон дода мешаванд. Аз натиҷаи санҷиш кормандони Кумита санадҳо тартиб дода, барои бартараф кардани камбудиҳо ба мақомоти иҷозатдиҳанда ирсол намуданд. Мутобиқи сархати сеюми банди 27 Қоидаҳои Феҳрист мақомоти санҷидашуда бояд камбудиҳои дар натиҷаи санҷиш ошкор шударо бартараф намуда, аз натиҷаи он ба Кумита ахборот пешниҳод намоянд, вале аз ҷониби на ҳамаи мақомоти иҷозатдиҳандаи санҷидашуда ахборот ба Кумита ворид шудааст.<br>Ҳар як мақомоти иҷозатдиҳандаро зарур аст, ки сомонаи расмии худро дар шабакаи интернет таъсис ва масъулини мақомоти иҷозатдиҳанда суроғаи электронии худро дошта бошанд. | |
| 5. Вазорату идораҳои марбута барои мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии худ ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», ҷиҳати тариқи электронӣ ба роҳ мондани тартиби додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ чораҳои зарурӣ андешида, фаъолияти худро дар ин самт бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи | Соли 2014-2015 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>**Тибқи иттилои Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар доираи талаботи банди мазкур тартиби тариқи электронӣ додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва мукаммалгардонии фаъолияти Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ба роҳ монда шудааст ва дар оянда Кумита фаъолияти худро дар ин самт бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ пурзур мекунад.<br>**Дар асоси иттилооти Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ** ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ” аз | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг кунанд. | | 19.03.2013, №948 пардохт барои иҷозатномадиҳӣ, ки бояд ба буҷет пардохта шавад, ба қонуни мазкур воридкарда шуд.<br>Оид ба масъалаи мазкур аз ҷониби дигар вазорату идораҳои марбута низ корҳои муайян анҷом дода шуда истодааст ва маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад.<br>**Аз ҷониби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ** ҷиҳати иҷрои банди 8, Нақшаи чорабиниҳои «Барномаи дастгирии ташкилотҳои сохтмонӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи сохтмон барои солҳои 2012-2014» оид ба андешидани чораҳо оид ба ҳалли мушкилоти вобаста ба системаи иҷозатномадиҳӣ дар соҳаи сохтмон, корҳои муайян анҷом дода шудаанд.<br>Аз ҷумла лоиҳаи Қонуни ҶТ «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудаҳои фаъолият» ва лоиҳаи қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият таҳия карда шуд, ки аз ҷониби Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ қабул гардид. | |
| 6. Вазорати маориф ва илм, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои баландихтисоси бахши сайёҳӣ дар хориҷи мамлакат, аз ҷумла тавассути ҷудо намудани квотаҳои Президентӣ тадбирҳо андешанд. | Мунтазам | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Тибқи иттилои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2013-2014 тибқи бурсияҳои таҳсилӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии хориҷи кишвар аз рӯи ихтисосҳои бахши туристӣ 16 нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.<br>Вазорат барои рушди бахши туристии мамлакат дар соли 2014 бо 3 донишгоҳи бонуфузи Федератсияи Россия, ки дар омода намудани кадрҳои баландихтисоси бахши туризм таҷрибаи зиёд доранд, созишнома ба имзо расонид.<br>Ҳамзамон барои ҷудо намудани ҷойҳои буҷавӣ барои таҳсили шаҳрвандони Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва илмии Россия Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ ба ҷониби Россия мактуб ирсол намудааст, ки дар асоси он Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия барои ихтисосҳои бахши туристӣ 17 ҷойи буҷавӣ ҷудо намуд.<br>Дар соли таҳсили 2014-2015 Вазорат тасмим гирифтаст, ки теъдоди бурсияҳои таълимиро аз рӯи ихтисосҳои бахши туристӣ дар хориҷи кишвар боз ҳам зиёд намуда, барои рушди бахши туризми мамлакат тадбирҳои зарурӣ андешад. | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 7. Бонки миллӣ якҷо бо вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, бахши хусусӣ ва бо ҷалби шарикони рушд гуруҳи корӣ таъсис дода, оид ба рушди бозори такрории қоғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ таҳлили ҳамаҷониба доир намояд ва натиҷаҳои онро бо тавсияҳои мушаххас ба ҷаласаҳои ояндаи Шуро пешниҳод кунад. | Соли 2014 | ***Мавриди иҷро қарор дорад.***<br>Бо мақсади иҷрои банди мазкур дар назди Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои марбута, бахши хусусӣ ва шарикони рушд ҷиҳати омӯзиши мушкилот ва пешниҳоди тавсияҳо барои рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ дар Ҷумҳурӣ таъсис дода шуд.<br>Гуруҳи корӣ то имрӯз 4 ҷаласа гузаронида дар онҳо як қатор мушкилоти рушди бозори такрории коғазҳои қиматнокро баррасӣ намуд. Аз ҷумла, дар ҷаласаи якум – муҳокимаи нақшаи кории гуруҳи корӣ ва муайян намудани авлавиятҳои он, дар ҷаласаи дуюм – маълумоти Вазорати адлия ва молияи ҶТ оид ба рафъи ихтилофот ва тазодҳои дар қонунгузории ҶТ вобаста ба бозори коғазҳои қиматнок, таҳлили сохтори бозори коғазҳои қиматноки ҶТ; дар ҷаласаи сеюм – муайян намудани механизмҳо ва мӯҳлатҳои татбиқи бозори такрории коғазҳои қиматноки ҶТ ва дар ҷаласаи чорум – таҳияи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати бартараф намудани ихтилофоти қонунгузорӣ вобаста ба фаъолияти бозори такрории коғазҳои қиматнок ва ташкили биржаи фондӣ мавриди баррасӣ қарор додааст.<br>Қайд кардан зарур аст, ки айни замон фаъолияти асосии гуруҳи корӣ бо иштироки шарикони рушд ба муҳокимаи мухолифати қонунгузориҳое, ки фаъолияти бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондиро танзим менамоянд ва таҳияи санаду қонунгузориҳое, ки ба шароитҳои имрӯза мутобиқанд, равона карда шудааст.<br>Дар назар аст, ки то ҷаласаи 14-уми Шӯрои машваратӣ, ки тақрибан моҳҳои сентябр-октябри соли равон баргузор мегардад, ҳисобот ва тавсияҳои гуруҳи корӣ ҷиҳати рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ пешниҳод карда шаванд. | |